**ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ**

шурои диссертатсионии 6D.KOA-018 назди Донишгоҳи милли Тоҷикистон ба диссертатсияи номзадии Айюбзода Азим Шокир дар мавзуи «Мушкилоти танзими ҳуқуқии мадании шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ.

1. Диссертатсия ва автореферати пешниҳодшуда ба ихтисоси илмӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертстсионии 6D.KOA-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳуқуқи қабул кардан дода шудааст мувофиқат мекунад.

Диссертатсияи Айюбзода Азим Шокир бо такя ба қонунгузории Тоҷикистон ва муқоисаи ҳуқуқии он ба қонунгузории давлатҳои хориҷӣ, доктринаи ҳуқуқӣ, амалияи ҳуқуктадбиккунӣ ва таҷрибаи судӣ ба омӯзиши муфассали танзими ҳуқуқии мадании шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мушкилоти дар ин соҳа ҷойдошта бахшида шудааст. Шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ аз аҳаммияти бузурги ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ бархурдор буда, муҷиби гузариши қонунии манзили истиқоматӣ ва ҳимоят аз ҳуқуқу манофеи тарафҳо шуда, нақши созгор дар эҷоди амнияти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва инкишофи бозори манзили истиқоматӣ дорад.

2. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мувофиқат мекунад. Мубарамияти мавзуъ аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ асоснок мебошад, зеро манзили истиқоматӣ яке аз намудҳои аҳаммиятноки объектҳои молу мулки ғайриманқул мебошад, ки муомилаи дурусту қонунии он шарти муҳим барои баҳрамандӣ аз осори мусбати он мебошад. Дар рисола мафҳуми «манзили истиқоматӣ» ва таносуби он бо дигар мафҳумҳои шабеҳ дар иртибот бо қонунгузории ҶТ ва давлатҳои дигар, мафҳум ва хусусиятҳои шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ, унсурҳои шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ, аз ҷумла мавзуъ ва хариду фурӯши ҳисса дар ҳуқуқи моликияти умумӣ ба манзили истиқоматӣ, вазъи ҳуқуқии тарафҳо ва шахсоне, ки ҳуқуқи истифодаи манзили истиқоматиро баъди хариду фурӯш нигоҳ медоранд, нарх ва тартиби пардохти он, шакл ва бақайдгири давлатии ин шартнома, мазмуни шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ ва масъалаҳои ҷавобгарии тарафҳо дар он мавриди пажуҳиш ва таҳлил қарор дода шудааст.

3. Диссертант зимни омӯзиши мавзуъ 1 воситаи таълимӣ, 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттетстаисонии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр намудааст, ки мазмуну муҳтавои таҳқиқотро инъикос мекунанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

4. Автореферати диссертатсия (гунаи тоҷикӣ ва русӣ) фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошад. Дар диссертатсияи Айюбзода Азим Шокир

истифодаи мавод бидуни ишора ба муллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб хулоса, тавсияҳо оид ба истофодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт ташкил ёфта, дар асоси талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва дигар маводи илмӣ (фармоиши раиси Комиссияи олии аттетстсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2024, №493)» таҳия гардидааст.

Дар қисмати муқаддимаи диссертатсия муаллиф мубрамии мавзуъро асоснок карда, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсияро таҳлил ва баррасӣ намудааст.

Диссертатсия ба талаботи банди 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

5. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо таҳлилҳо, озмоишҳо, дурустии маълумотҳо, ҳаҷми кофии маводи диссертатсия ва мақолаҳо собит карда шудааст. Хулосаву тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва амалӣ асос ёфтаанд.

6. Вобаста ба ин, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Айюбзода Азим Шокир дар мавзуи «Мушкилоти танзими ҳуқуқии мадании шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод кардан мумкин аст.

Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯ маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз ҷониби ӯ чопгардида, мавҷуд намебошад.

Комиссияи экспертӣ банди 60-уми Низомномаи шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни оли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ба инобат гирифта,

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Айюбзода Азим Шокир дар мавзуи «Мушкилоти танзими ҳуқуқии мадании шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои

ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018 назди Донишгоҳи милли Тоҷикистон бо тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя кабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мувофиқат мекунанд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Меликов Умрилло Асадуллоевич** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи факултети ҳуқуқ ва гумруки Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

- **Сидиқов Дилшод Аҳрорович** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқушиносии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар Муассисаи таҳсилоти олии касбии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ — Сангинзода Д.Ш.

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси
Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон — Имомзода Н.М.

доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ
ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети
ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии
Россия ва Тоҷикистон — Аминова Ф.М.

Имзоҳои Сангинзода Д.Ш. ва Имомзода Н.М.-ро
ТАСДИҚ МЕКУНАМ:
Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ — Шодихонзода Э.Ш.

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН · РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС · TAJIK NATIONAL UNIVERSITY · УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ

Имзоҳои Аминова Ф.М.-ро
ТАСДИҚ МЕКУНАМ:
Сардори Раёсати кадрҳои ДСРТ — Нуриддинов Х.Х.

УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ

«15» 09 2025 с.